ҚАРОРИ

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029-и назди

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 15 декабри соли 2022 **ш. Душанбе**

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029 ҳимояи диссертатсияи Каримов Қадриддин Облобердиевич дар мавзӯи «Таҳлили муқоисавии ақидаҳои маорифпарварии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш», ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – фалсафа (6D020102 – Таърихи фалсафа) (роҳбари илмӣ Султонзода Соқӣ Аслон – доктори илмҳои фалсафа, дотсент, мудири кафедраи забони франсавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ), бо тақризи муассисаи пешбар – Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода ва баромади муқарризони расмӣ: Раҳимов Муҳсин Ҳусейнович – доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М. Осимӣ; Имомалиева Раногул Мамадалиевна – номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Муассисаи Давлатии Таълимии Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода, инчунин баромади мутахассисон доир ба мавзӯи баррасишаванда ва муқарризони ғайрирасмӣ: Самиев Б.Ҷ. - доктори илми фалсафа., профессор; Назариев Р.З. - доктори илми фалсафа., профессор, Ахмедов С. - доктори илми фалсафа., профессор ва Муҳаммадалӣ М. - доктори илми фалсафа., профессор, дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулнамудаи Шуро оид ба диссертатсияи Каримов Қадриддин Облобердиевич, инчунин дурустии навгониҳои илмӣ, аҳамиятнокии хулосаҳои диссертатсия ва натиҷаи маводи чопиро шунидаю муҳокима намуда,

ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Каримов Қадриддин Облобердиевич дар мавзӯи «Таҳлили муқоисавии ақидаҳои маорифпарварии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш», ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD аз

ихтисоси 6D020100 – фалсафа (6D020102 – Таърихи фалсафа), ҷавобгӯйи талаботи пешниҳоднамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба диссертатсияҳои илмӣ, мувофиқи Низомномаи шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мебошад, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудаанд.

2. Маводи чопнамудаи муаллиф пурра мазмуну моҳияти диссертатсияро инъикос менамояд.

3. Барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – фалсафа (6D020102 – Таърихи фалсафа) сарфароз гардонида шавад.

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда мешавад, ки Каримов Қадриддин Облобердиевич барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – фалсафа (6D020102 – Таърихи фалсафа) сарфароз гардонида шавад.

Кӣ тарафдори қабули ҳамин қарори Шурои диссертатсионӣ ҳаст, хоҳишмандам мавқеашро муайян намояд. Тарафдор 10 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест. Якдилона қабул карда шуд.

Раиси Шуро: иҷозат диҳед диссертантро барои бо муваффақият ҳимоя намудани диссертатсия табрик ва аъзои шуророро барои фаъолияти самаранок ташаккур гӯям. Бо ҳамин ҷаласаи Шурои диссертатсионӣ пӯшида эълон мегардад.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои фалсафа, профессор Маҳмадизода Н.Д.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои фалсафа, профессор Худойдодзода Ф.Б.

15.12.2022.